Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

23 майи соли 2026
Шанбе
№ 41 (15260)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## АҲАМИЯТИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲОИ БИСЁРҶОНИБА БО АМА ТАЪКИД ГАРДИД

*Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати намояндагони Аморати Муттаҳидаи Арабро таҳти роҳбарии вазири корҳои ҳукуматии ин кишвар Муҳаммад бин Абдуллоҳ ал-Гаргавӣ пазируфт.*



Дар оғози мулоқот вазир ба сарвари давлати мо саломи самимӣ ва орзуҳои накӯи Президенти АМА Шайх Муҳаммад Ол Наҳаён, Сарвазир, Ноиб- президент ва амири Дубай Шайх Муҳаммад Ол Мактум, инчунин Ноиби президент Шайх Мансур Ол Наҳаёнро расонд.

Масъалаҳои муҳими густариши минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ду мамлакат, пеш аз ҳама, дар беҳтар намудани самарадории идоракунии давлатӣ ва таъмини натиҷадории ислоҳоте, ки дар ин соҳа амалӣ мешаванд, баррасӣ гардиданд.

Рушди босуръати муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии Ўзбекистон ва АМА, таҳкими ҳамкориҳои амалӣ дар самтҳои афзалиятнок бо қаноатмандии бузург қайд карда шуд.

«Харитаи роҳ»-и муштарак, ки ҳамкориро дар 10 самти асосии такмилдиҳии механизмҳои хидмати давлатӣ пешбинӣ мекунад, пайваста амалӣ мешавад. Дар самти коҳиши бюрократия таҷрибаи пешқадами АМА ҷорӣ мегардад. Дар доираи барномаи дахлдор офиси лоиҳа ба фаъолият шурӯъ кард.

Натиҷаҳои татбиқсозии барномаи таълимии «Панҷ миллион пешвои зеҳни сунъӣ», ки то имрӯз фарогирии он аз як миллион нафар афзудааст, эътироф гардид.

Нақшаҳои якҷоя роҳандозӣ намудани ҳаракати умумимиллии китобхонӣ низ баррасӣ гардид.

Аз рӯйи татбиқсозии лоиҳаҳое, ки ба дастгирӣ ва камолоти ҷавонон нигаронида шудаанд, гузаронидани форумҳои муштараки рушд ва пешбурди таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва консептуалӣ, ки ба рушди Ўзбекистон хидмат мекунанд, созиш ба даст омад.

**ЎзА.**

## МАҚСАДИ ИСЛОҲОТ – АРҶГУЗОРӢ БА ҚАДРИ ИНСОН, ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУНОСИБ БАРОИ ШАҲРВАНДОНУ СОҲИБКОРОН

*Президент Шавкат Мирзиёев 22 май дар Маркази байналмилалии конгресс дар маросими сарфарозгардонӣ дар доираи барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» ва инчунин маросими оғози ҳаракати умумимиллӣ оид ба рушди фарҳанги китобхонӣ иштирок намуд.*




Сарвари давлат дар суханронии худ дар маросими сарфарозгардонӣ дар доираи барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» таъкид кард, ки дар солҳои охир дар Ўзбекистон тамоюли «На мардум бояд ба мақомоти давлатӣ, балки мақомоти давлатӣ бояд ба мардум хизмат намоянд» ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Таъмини манфиатҳои инсон, фароҳам овардани шароити муносиб барои шаҳрвандон ва соҳибкорон дар меҳвари ислоҳот қарор дорад.

Тавре зикр гардид, бидуни идоракунии самарабахши давлатӣ дар ҳеч як соҳа ба натиҷаи дилхоҳ наметавон ноил шуд. Ҳар як шаҳрванд аз рӯйи тағйироти мусбате, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ эҳсос менамояд, фаъолияти давлатро арзёбӣ менамояд. Аз ин рӯ, ниҳодҳои идоракунӣ бояд мушкилоти мардумро саривақтӣ, одилона ва бонизом ҳал намоянд.

Таъкид шуд, ки коғазбозии зиёдатӣ ва бюрократия метавонанд самарадории ислоҳотро коҳиш дода, боварии аҳолиро ба давлат суст намоянд. Бинобар ин, ба ҷорӣ намудани равишҳои нав ва пешрафта дар идоракунии давлатӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар ин самт ҳамкорӣ бо Аморати Муттаҳидаи Араб мавқеи муҳим дорад.

Солҳои охир шарикии миёни ду кишвар дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба марҳилаи нав баромад. Моҳи ноябри соли гузашта форумҳои байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ ва бартараф кардани бюрократия якҷоя ва дар сатҳи баланд баргузор гардида, ҷиҳати табодули таҷрибаи пешрафта дар соҳаи идоракунии давлатӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ ГУФТУГӮИ ТЕЛЕФОНӢ АНҶОМ ДОДАНД

*22 май байни Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин гуфтугӯи телефонӣ баргузор гардид.*

Дар ҷараёни суҳбат масъалаҳои муҳими рушди минбаъда ва таҳкими муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ ва ҳампаймонии Ўзбекистону Русия дар заминаи татбиқи амалии тавофуқоти дар сатҳи олӣ ҳосилшуда баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ аз тамосҳои самарабахш дар сатҳҳои гуногун ёдовар шуданд. Робитаҳои байнипарлумонӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ фаъолона рушд меёбанд.

Ҳаҷми гардиши мол устуворона афзоиш ёфта, аз аввали сол 23 фоиз зиёд шудааст. Татбиқи лоиҳаҳои бузурги ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, нақлиёт ва дигар бахшҳои афзалиятнок, аз ҷумла дар сатҳи минтақаҳо идома дорад.

Роҳбарони Ўзбекистон ва Русия ҳамчунин ҷадвали чорабиниҳои дарпешистодаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро баррасӣ карданд.

**ЎзА.**

## БА ИШТИРОКДОРОНИ ҶАМЪОМАДИ IV РОҲБАРОНИ ШӮРОИ СУДЯҲОИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ

Иштирокдорони муҳтарами анҷуман!

Пеш аз ҳама, аз табрики таҳтидилонаи шумо, азизон, дар шаҳри куҳану ҳамешаҷавони Самарқанд, ки яке аз марказҳои қадимии тамаддуни туркӣ мебошад, бениҳоят хурсандам.

Бешубҳа, баргузор гардидани ин ҷамъомад дар пойтахти салтанати Соҳибқирон Амир Темур, ки ҳамеша бо такя ба тамоюлҳои адолат кор пеш мебурд ва дар рӯзҳое, ки 690-солагии зодрӯзи муборакаи ин зоти бузург дар сатҳи байналмилалӣ ба таври васеъ таҷлил мегардад, ба анҷуман шукӯҳи хос мебахшад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

## ДАР БОРАИ ТАҶЛИЛИ ИДИ МУБОРАКИ ҚУРБОН

Имрӯз дар ҳаёти ҷомеаи мо барои амиқтар қарор додани ғояи неки «Барои қадри инсон, барои бахти инсон», дар радифи тамоми арзишҳои миллӣ ва динӣ, иди муборақи Қурбон, ки фазилатҳои оличанобе чун инсондӯстӣ, саховатмандӣ, шукргузорӣ ва таҳаммулпазириро дар худ таҷассум намудааст, аҳамияти бузург касб менамояд. Бахусус, бобати бунёди давлати иҷтимоӣ дар мамлакат, пурзӯр намудани меҳру муҳаббат миёни ҳамватанон, дастгирии инсонҳои ниёзманд ва аз меҳру эътибор дар канор нагузоштани ҳеч як шахс, анъанаҳои пойдори ин ид барои мо ҳамчун манбаи нерӯю тавоноӣ ва илҳом хидмат мекунанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ФОРУМ ВА МАРОСИМИ САРФАРОЗГАРДОНӢ ДАР ДОИРАИ БАРНОМАИ «ИДОРАКУНИИ БОСИФАТИ ДАВЛАТӢ»

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Муҳтарам ҷаноби Муҳаммад ал-Гаргавӣ!

Ҳамаи шуморо самимона бо ин чорабинии муҳими имрӯз ва маросими супоридани ҷоизаҳо дар доираи барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» табрик мегӯям.

Тавре медонед, дар маркази ислоҳоте, ки дар кишвари мо амалӣ мешаванд, масъалаҳои баланд бардоштани шаъну шарафи инсон, фароҳам овардани шароити муносиб барои аҳолӣ ва соҳибкорон қарор доранд. Дар тӯли 10 соли охир мо принсипи олии **<u>«На халқ ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд»</u>**<u>-ро ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардоштем.</u>

Бе фароҳакм овардани низоми самараноки идоракунӣ барои аҳолӣ дар ҳеҷ самт ба натиҷаҳои интизоршуда ноил шудан мумкин нест. Зеро ҳар як шаҳрванд ба фаъолияти давлат аз рӯйи натиҷаи дигаргуниҳое баҳо медиҳад, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ эҳсос менамояд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ЧОРАБИНӢ БАХШИДА БА ОҒОЗИ ҲАРАКАТИ МИЛЛИИ КИТОБХОНӢ

Иштирокорони арҷманди чорабинӣ!

Муҳтарам, ҷаноби Муҳаммад ал-Гаргавӣ!

Китобхонҳои ҷавони азиз!

Имрӯз дар ҳаёти кишвари мо боз як воқеаи фаромӯшнопазири таърихӣ –ҳаракати умумимиллии рушди китобхонӣ дар Ўзбекистон оғоз меёбад.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки ҷаҳон бошиддат тағйир меёбад. Технологияҳои рақамӣ, дастгоҳҳои муосир ва зеҳни сунъӣ ба зиндагии мо торафт амиқтар ворид мешаванд. Фишорҳое, ки ба идора кардани шуур ва қалби инсон равона шудаанд, рӯз то рӯз пурзӯртар мегарданд. Вале як ҳақиқат ҳаст, ки ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад. Яъне инсоне, ки китоб мехонад, амиқу солим фикр мекунад. Ва шахсе, ки чунин тафаккур дорад, метавонад ҷомеаро тағйир диҳад.

Дар асри зеҳни сунъӣ бузургтарин бартарии инсон қобилияти мустақилона фикр кардан аст. Дар ин роҳ китобҳо беҳтарин дӯст ва ёвари беғараз ба шумор мераванд.

Мо дар Ўзбекистони Нав фарҳанги мутолиа, эътибор ба китобро ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта истодаем. Китобхонӣ на танҳо масъалаи таълим аст, балки нерӯи бузурги маънавие мебошад, ки ояндаи миллату халқи мо ва рақобатпазирии мамлакатро таъмин мекунад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ВОХӮРӢ БО АЪЗОИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ МИЛЛИИ ФУТБОЛ

*Муҳтарам иштирокчиёни вохӯрӣ!*

*Аъзои дастаи мунтахаб!*

*Мураббиён ва устодони гиромӣ!*

*Собиқадорони футбол!*

*Хурсанд ҳастам, ки ҳамаи шуморо дар арафаи иди бузурги варзишӣ – чемпионати ҷаҳон оид ба футбол, ки дар варзишгоҳҳои ИМА, Мексика ва Канада баргузор мешавад, бо рӯҳияи болида мебинам.*

*Мо ҳамроҳ бо тамоми халқ ва мухлисони футбол 34 сол боз интизори чунин лаҳза будем. Футболбозони мо ҳақ доранд қаҳрамононе номида шаванд, ки дар таърихи Ўзбекистон саҳифаи наверо боз карданд.*

*Онҳо ба ҳар як бозӣ омодагии ҷиддӣ дида, бо эҳсоси масъулияти баланд, муҳаббат ба Ватан ва бовар ба пирӯзӣ ба майдон мебаромаданд. Ба халқи мо эҳсосоти равшан ва шодиву фараҳ бахшиданд.*

*Бояд иқрор шавам, ки дар рӯзи ба даст овардани роҳхат ба чемпионати ҷаҳон ман низ мисли ҳамаи ҳамватанонамон беандоза шод будам ва ин рӯйдодро ҷашн гирифтам.*

*Аз фурсат истифода бурда, ба футболбозон, ки дар майдон шуҷоат ва маҳорати касбӣ нишон доданд, инчунин ба падару модарон, устодон ва мураббиёне, ки онҳоро тарбия ва ба воя расониданд, изҳори сипос менамоям.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВИИ ГУСЕЛИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ МИЛЛИИ ФУТБОЛ БА ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Ҳамватанони муҳтарам!

Мухлисони азиз!

Ҳамаи шуморо бо иди бузурги футбол, ки дар ин шоми зебо баргузор мегардад, табрик мегӯям.

Имрӯз барои футболи ўзбек боз як рӯзи таърихист. Мо бо умеди калон ва орзуҳои нек дастаи мунтахаби миллии худро ба чемпионати ҷаҳон оид ба футбол, ки дар варзишгоҳҳои ИМА, Мексика ва Канада баргузор мешавад, гусел мекунем.

Аз фурсат истифода бурда, аз номи тамоми халқи мо ба футболбозони боистеъдод, ки ба мо чунин лаҳзаҳои фаромӯшнопазир ҳадя карданд, инчунин ба падару модарон, устодон ва мураббиёне, ки онҳоро тарбия намудаанд, ва ба ҳамаи аъзои дастаи мунтахаби Ўзбекистон изҳори сипоси амиқ менамоям.

Дӯстони гиромӣ!

Муҳаббат ва садоқати шумо ба дастаи миллӣ сазовори эҳтироми баланд аст. Ба гармиву борон нигоҳ накарда, шумо ҳам дар рӯзҳои пирӯзӣ ва ҳам дар лаҳзаҳои душвор дар паҳлуи футболбозон буда, намунаи ҳақиқии ватандӯстиро нишон медиҳед.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ФОРУМ ВА МАРОСИМИ САРФАРОЗГАРДОНӢ ДАР ДОИРАИ БАРНОМАИ «ИДОРАКУНИИ БОСИФАТИ ДАВЛАТӢ»

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Агар мақомоти идоракунӣ мушкилоти мардум ва масъалаҳои доғи онҳоро сари вақт ва одилона ҳал намоянд, эътимоди аҳолӣ ба давлат ба таври назаррас меафзоянд. Сарсониҳои зиёди коғазбозӣ ва бюрократия самаранокии ислоҳотро коҳиш дода, умеди мардумро аз байн мебарад.

Бо дарназардошти ин, мо ба истифодаи равишҳои нав ва пешрафта дар идоракунии давлатӣ аҳамияти махсус медиҳем. Бешубҳа, барои мо роҳандозии идоракунии самаранок, ҷорӣ намудани моделҳои муосир, дастовардҳо ва таҷрибаи пешқадами Аморoти Муттаҳидаи Араб дар ин соҳа бисёр муфид аст.

Бо қаноатмандӣ қайд мекунам, ки дар солҳои охир ҳамкории дуҷонибаи мо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба сатҳи тамоман нав баромад. Моҳи ноябри соли гузашта мо якҷо форумҳои бонуфузи байналмилалиро оид ба мавзӯи «Бартарафсозии бюрократия» ва зеҳни сунъӣ бо муваффақият баргузор намудем. Мо созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мубодилаи таҷрибаи пешрафта дар соҳаи идоракунии давлатиро ба имзо расонидем. Натиҷаи равшани амалии ин шарикӣ барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» гардид. Ба роҳбарияти Аморот ва шахсан ҷаноби Гаргавӣ барои мусоидат дар оғози муваффақонаи ин барнома изҳори сипоси самимӣ менамоям.

Дӯстони азиз!

Мо тасодуфан маросими имрӯзаи супоридани ҷоизаҳоро дар сатҳи Президент баргузор намекунем. Имрӯз мо танҳо бо қадрдонии ғолибон маҳдуд намешавем, балки мехоҳам бори дигар аҳамияти идоракунии самаранокро таъкид намоям.

Минбаъд арзёбии объективии фаъолияти вазоратҳо ва агентиҳо, кумитаҳо ва инспексияҳо, инчунин боз ҳам баланд бардоштани масъулияти онҳо дар назди аҳолӣ ҳамеша дар маркази диққати мо қарор хоҳад дошт. Меъёри асосӣ дар фаъолияти идораҳо принсипи «кор барои натиҷа», на «кор ба хотири раванд» хоҳад буд.

Аз ҳамин нуқтаи назар барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» ислоҳоте мебошад, ки ба ташаккули фарҳанги тамоман нави идоракунӣ ва ҷаҳонбинӣ равона шудааст. Барнома барои арзёбии объективии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муайян намудани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онҳо, густариши васеи таҷрибаи пешрафта ва дастгирии муҳити рақобати солим нигаронда шудааст.

Дар моҳҳои январ-апрели соли ҷорӣ дар доираи барнома фаъолияти мақомоти давлатӣ, сифати идоракунӣ ва сифатҳои роҳбарии кадрҳои роҳбарикунанда аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ва мутахассисони ватанӣ арзёбӣ гардид.

Дар озмун 40 идораи ҷумҳуриявӣ ва кормандони онҳо иштирок намуданд. Имрӯз ҳамаи мо мебинем, ки мақомоти давлатӣ ба чӣ гуна натиҷаҳои баланд ноил шудаанд.

Ҳамин тавр, дар номинатсияи «Намунавитарин вазорат дар татбиқи Стратегияи "Ўзбекистон - 2030"» Вазорати адлия ғолиб дониста шуд. Дар муддати кӯтоҳ вазорат ба як ниҳоди муосир, боз ва рақамии адлия табдил ёфт. Имрӯз он тавассути 30 платформа 380 хизматрасонии пурра рақамишударо пешниҳод менамояд. Зиёда аз 780 хизматрасониро метавон дар шакли онлайн дастрас кард. Шабакаи иборат аз 208 маркази хизматрасониҳои давлатӣ стандарти ягонаро дар тамоми кишвар таъмин мекунад.

Вазорати аз ҳама намунавӣ дар самти идоракунии захираҳо Вазорати саноати кӯҳӣ ва геология эътироф гардид. Фаъолияти он намунаи равшани хоҷагидории масъулона, шаффоф ва сарфакорона мебошад. Ҳар як сӯми ҷудошуда барои ҷустуҷӯи конҳои нав ва рушди соҳа равона карда шуд. Истеъмоли об ҳангоми корҳои геологию иктишофӣ 20 фоиз коҳиш дода шуд. Нақшаҳои буҷетӣ пешакӣ то соли 2028 тартиб дода шуданд. Сатҳи маҳаллисозии таҷҳизоти асосии кӯҳӣ ба 84 фоиз расонида шуд.

Барои натиҷаҳои мусбат дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ Вазорати корҳои дохилӣ ҳамчун намунавитарин эътироф гардид. Қобили зикр аст, ки имрӯз вазорат 95 фоизи қариб 60 намуди хизматрасониро пурра дар шакли рақамӣ пешниҳод мекунад. 72 пойгоҳи додаҳои қаблан пароканда ба низоми ягонаи «Шаҳри бехатар» муттаҳид карда шуданд, ки ба он 14 маркази идоракунӣ ва зиёда аз 20 вазорат пайваст шудаанд. Соли гузашта беш аз 148 ҳазор парвандаи маъмурӣ ба таври фосилавӣ баррасӣ гардид, ки имкон дод аз сарсониҳои зиёдатӣ пешгирӣ шавад. Вазорат дар амал нишон дод, ки сифати хизматрасониҳои муосири давлатӣ бо қулайӣ ва шароити барои инсон фароҳамшуда чен карда мешавад.

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Ҳадафи асосии озмун на таъриф кардан ва на танқид намудан аст. Муҳимтар аз ҳама, ин раванд ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти худро аз берун объективона арзёбӣ намуда, камбудиҳоро бартараф созанд.

Ғолибони озмун: ҳамчун намунавитарин корманд-роҳбар – сардори раёсати Вазорати саноати маъдани кӯҳӣ ва геология Максуд Болибеков; намунавитарин корманди маъмурӣ – сардори шуъбаи Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия Фазлиддин Муминов; намунавитарин мутахассис – сармутахассиси Агентии «Ўзатом» Шоҳмирзо Умаров; намунавитарин корманд-зан – мушовири вазири шуғл ва коҳиши камбизоатӣ Умматой Йулдошева; намунавитарин ва боистеъдодтарин корманди ҷавон – роҳбари идораи лоиҳаҳои Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия Акбархон Собирхонов; намунавитарин корманд дар соҳаи захираҳои инсонӣ – сардори шуъбаи Вазорати адлия Мирсаид Раҳматов гардиданд.

Фикр мекунам, агар ҳамаи ғолибони эътирофшуда дар вазифа як зина боло бардошта шуда, ба захираи кадрҳои роҳбарикунанда шомил гарданд, ин одилона хоҳад буд. Тафаккури амиқи онҳо, кори доимӣ болои худ ва ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионӣ дар фаъолияти меҳнатӣ бояд барои дигарон намуна гардад.

Дар вохӯрии имрӯза мо онҳоеро қадрдонӣ мекунем, ки натиҷаҳои хуб нишон доданд. Аммо аз дафъаи оянда сар карда, мо инчунин муассисаҳои давлатиро, ки дар поёни рӯйхат қарор гирифтаанд, ошкоро ном мебарем. Созмонҳое, ки дар фаъолияти онҳо камбудиҳои ҷиддӣ, самаранокии паст ва сифати сусти кор мушоҳида мешавад, бояд барои худ хулосаҳои ҷиддӣ бароранд.

Акнун барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» дар ҳар ду сол як маротиба баргузор мегардад ва дар марҳилаи навбатӣ дар он ҳокимиятҳои маҳаллӣ низ иштирок хоҳанд кард. Зеро натиҷаҳои ислоҳот бояд пеш аз ҳама дар поёнтарин зина эҳсос шаванд. Ба ибораи оддӣ, ҳар қадаре ки мо кӯшиш кунем ҳам, агар дар сатҳи ноҳия ё шаҳр тағйирот ба вуҷуд наояд, ислоҳоти мо натиҷаҳои интизоршударо намедиҳад.

Дӯстони азиз!

Имрӯз мо марҳилаи нави муосири такмили идоракунии давлатиро дар кишвар оғоз мекунем. Минбаъд низ мо диққати асосиро ба ташкили самаранoктарин низоми давлатӣ равона месозем, ки мардум ба он бовар дорад, манфиатҳо ва шаъну шарафи инсонро ҳамаҷониба таъмин менамояд ва зиндагии мардумро осон мегардонад.

Агар ҳамаи мо якҷо бо иродаи қавӣ дар ин роҳ пеш равем ва тамоми қувваю нерӯи худро барои ин сафарбар кунем, ҳатман ба ҳадафҳои баланди пешбинишуда мерасем.

Ба ҳамаи шумо саломатии мустаҳкам, некӯҳолӣ ва муваффақиятҳои нав орзу менамоям.

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ВОХӮРӢ БО АЪЗОИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ МИЛЛИИ ФУТБОЛ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

*Дар вохӯрии имрӯзаи мо шоирон, нависандагон ва ҳунармандони маъруф низ иштирок доранд. Онҳо асарҳои наверо, ки маҳорат ва матонати футболбозони моро васф мекунанд, меофаранд.*

*Ҳамчунин бояд қайд кард, ки соҳибкорони ватанӣ кайҳо боз бо кумаки шумо бренди миллии моро ба бозорҳои нави ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунанд.*

*Азизони ман, шумо барои ҷавонон намунаи воқеӣ шудед. Имрӯз аксар кӯдакон мегӯянд: «Ман ҳам футболбози машҳур мешавам». Тамоми халқи сермиллати мо аз шумо ифтихор мекунад.*

*Дӯстони муҳтарам!*

*Албатта, ҳеҷ чиз худ аз худ ба амал намеояд, чунин пирӯзиҳо ба осонӣ ба даст намеоянд. Дар ҳақиқат, дар заминаи ҳамаи ин дастовардҳо таваҷҷуҳи бузурге қарор дорад, ки дар кишвар ба варзиш, бахусус ба футбол дода мешавад, инчунин шароите, ки барои рушди он фароҳам шудаанд.*

*Солҳои охир дар маҳалҳо зиёда аз 200 иншооти бузурги варзишӣ, тақрибан 4 ҳазор клуби хусусии варзишӣ ба фаъолият оғоз карданд, дар беш аз 1,5 ҳазор маҳалла майдончаҳои варзишӣ сохта шуданд. Дар пойтахт Шаҳраки муосири олимпиро бунёд кардем, дар ноҳияи Юқоричирчиқ Маркази миллии футболро кушодем, дар ҳар як вилоят академияи касбии футбол ва мактаби футбол таъсис додем.*

*Ба шарофати ин корҳо шумораи футболбозони ҳаваскор ба 5 миллион нафар расид, шумораи онҳое, ки мунтазам ба футбол машғуланд, аз 1 миллиону 300 ҳазор нафар гузашт ва шумораи футболбозони касбӣ ба 17 ҳазор нафар расид. Муҳимтар аз ҳама, мо дар футбол ҳолатҳои коррупсия ва хешутаборбозиро решакан кардем. Низоми кушоду шаффофро ба роҳ мондем. Ин имконият дод, ки ҷавонони бомаҳорат ва истеъдодҳои ҳақиқӣ ба саҳнаи бузург роҳ ёбанд.*

*Имрӯз дар байни мо собиқадорони футбол низ ҳузур доранд. Онҳо низ бо маслиҳат ва панду роҳнамоиҳои худ кори моро дастгирӣ карданд. Ба шумо ташаккури зиёд.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Барои мо футбол на танҳо варзиши касбӣ, балки мактаби тарбияи ҷавонон, тарзи ҳаёти солим, интизом ва ватандӯстӣ мебошад.*

*Акнун футбол ба ҳар як маҳаллаи кишвар ворид мегардад. Ба ҳар як кӯдак имконият дода мешавад, ки дар маҳаллаи худ футбол бозӣ кунад, дар мусобиқаҳо иштирок намояд ва истеъдоди худро инкишоф диҳад. Бо ин мақсад мо барномаи «Ҳар як маҳалла – майдони футбол»-ро роҳандозӣ мекунем. Он ба ҳаракати умумихалқӣ табдил меёбад. Дар доираи барнома «Лигаи маҳалла» ва дастаҳои футболи маҳаллӣ миёни писарону духтарони аз 12 то 17-сола таъсис дода мешаванд, ҳамасола мусобиқаҳои футболбозони ҳаваскор дар марҳилаҳои «маҳалла – ноҳия – вилоят – ҷумҳурӣ» баргузор мегарданд.*

*Умуман, «Лигаи маҳалла» барои клубҳои касбӣ ба пойгоҳи омодаи ҷустуҷӯ ва интихоби истеъдодҳо табдил хоҳад ёфт.*

*Дӯстони гиромӣ!*

*Дар майдон ба тӯб футболбоз зарба мезанад, аммо услуб ва тактикаи бозиро мураббӣ муайян мекунад. Имрӯз бо дастаи мунтахаби мо ҳайати мураббиён таҳти роҳбарии Фабио Каннаваро фаъолият мекунад, ки таҷрибаи бузург ва хислати қаҳрамонӣ дорад.*

*Мо Фабио Каннавароро ҳанӯз аз замоне хуб мешиносем, ки худи ӯ футбол бозӣ мекард. Соли 2006 дар чемпионати ҷаҳон дар Олмон дастаи мунтахаби Италия таҳти сарварии Каннаваро чемпиони ҷаҳон гардид. Ҳамон сол Каннаваро беҳтарин футболбози ҷаҳон эътироф шуда, ҳамчун яке аз камтарин ҳимоятгарон дар таърихи футбол соҳиби ҷоизаи «Тӯби тиллоӣ» гардид.*

*Ҳатто чунин ситораҳои футболи муосир, мисли Зидан ва Роналду, Каннавароро пурқувваттарин ҳимоятгаре донистанд, ки бар зидди онҳо бозӣ кардааст.*

*Қобилияти Каннаваро дар пешбинӣ кардани рушди вазъият дар майдон, талаботи баланд пеш аз ҳама нисбат ба худ ва сифатҳои роҳбарии ӯ, барои ҳамчун мураббӣ ташаккул ёфтанаш замина фароҳам овард.*

*Дар рӯзҳои аввали ҳузураш дар Ўзбекистон Фабио Каннаваро дар бораи аҳамияти омодагии ҷисмонӣ ва интизом бисёр сухан гуфт. Аз ҳамин сабаб, ӯ ба ҳамаи ҷузъиёт диққат дода, мураббиёни омодагии ҷисмонӣ, мутахассисоне, ки бо ҳамлагарон кор мекунанд, табибон, нутритсиологҳо ва ошпазонро овард ва як дастаи хуби дорои таҷрибаи байналмилалиро ташкил кард.*

*Мо мебинем, ки дар бозии футболбозони мо чунин унсурҳо, мисли интихоби дурусти мавқеъ, фишори баланд, назорати тӯб ва ҳамлаҳои зудкори ҷавобӣ бештар шудаанд. Мо ҳамаи инро дар бозиҳо бар зидди Миср, Эрон, Венесуэла ва Габон дидем.*

*Аз фурсат истифода бурда, Фабио Каннавароро бо аввалин иштироки ӯ дар чемпионати ҷаҳон ҳамчун мураббӣ табрик мегӯям ва ба ҳайати мураббиён пирӯзиҳои нав орзу менамоям.*

*Акнун мехоҳам ба футболбозон муроҷиат кунам: дар чемпионати ҷаҳон бозӣ осон нахоҳад шуд. Шумо бояд бо дастаҳои пурқуввати кишварҳое чун Португалия, Колумбия ва Конго рақобат кунед.*

*Табиист, ки халқи мо аз шумо дар ҳар бозӣ пирӯзӣ интизор аст. Аммо ҳамеша дар хотир доред, ки шумо аллакай номи худро дар таърих сабт кардед!*

*Дар вохӯриҳои муҳими минбаъда бидуни таслим шудан ба фишори эҳсосот, бе тарс аз обрӯ ва нуфузи рақибон, тамоми истеъдод ва маҳорати худро нишон диҳед!*

*Барои ҳар як тӯб то охир мубориза баред, ягон имкониятро аз даст надиҳед!*

*Ман ба шахсони масъул ва сафирони кишварамон дар хориҷ супориш додам. Дар ҳамаи бозиҳои шумо дар мундиал аз минбарҳои варзишгоҳҳо аъзои фан-клубҳо, ҳазорон мухлиси футбол ва ҳамватанони мо дар Амрико шуморо дастгирӣ хоҳанд кард.*

*Ҳар як ҳаракати шуморо дар майдон халқи 40-миллионаи мо бо эҳсоси бузурги ҳаяҷон ва рӯҳбаландӣ аз экранҳо пайгирӣ карда, ба шумо барор мехоҳанд.*

*Дар хотир доред: халқи мо ба шумо бовар доранд, Президент ба шумо бовар дорад!*

*Ба пеш, далерона бозӣ кунед, шарафи Ватанро сазоворона ҳимоя намоед!*

*Бигзор ҳамеша пирӯзӣ ва комёбӣ ҳамроҳи шумо бошад!*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ЧОРАБИНӢ БАХШИДА БА ОҒОЗИ ҲАРАКАТИ МИЛЛИИ КИТОБХОНӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ниёгони бузурги мо Имом Бухорӣ, Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Алишер Навоӣ ва Мирзо Улуғбек барин мутафаккирон дар рушди тамаддуни башар саҳми арзанда гузоштаанд. Ҳар яке аз онҳо маҳз тавассути мутолиаи китоб ба қуллаҳои баланд расидаанд. Ба ин маъно, дар суханони ниёи бузурги мо Алишер Навоӣ – **«Китоб устоди беминнат, манбаи асосии камолоти маънавист»** маънии амиқ нуҳуфтааст.

Ҷавонони имрӯзаи мо бояд ворисони шоистаи чунин ниёи бузург бошанд. Ва роҳи ягона – **дониш, дониш ва боз ҳам дониш аст!**

Дӯстони азиз!

Мо барои он ки худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун халқи тавоно ва дорои иқтидори бузург муаррифӣ намоем, бояд ба ду пояи мустаҳкам такя кунем.

**Якум – мероси бебаҳои илмӣ ва маънавӣ.**

**Дувум – илму фанни муосир ва технологияҳои пешрафта.**

Бо ҳамоҳанг сохтани ин ду сарчашма, тарбияи насли амиқандеш, донишманд ва ватандӯст – муҳимтарин вазифаи мост.

Ман аз рӯзҳои аввале, ки ҳамчун роҳбари давлат ба фаъолият шурӯъ кардам, ба ин масъала аҳамияти устувор медиҳам. Озмуни «Китобхони ҷавон», ки бо ҳамин мақсад аз соли 2017 инҷониб дар мамлакат гузаронида мешавад, миллионҳо ҷавонро бо китоб ошно кард, дар онҳо меҳру шавқи мутолиаро бедор намуд. Озмуни «Оилаи ҷавони китобхон» бошад, барои ворид намудани муҳити китобхонӣ ба ҳар як хонавода хидмат мекунад. Дар оғози соли ҷорӣ қарори алоҳида қабул карда, низоми дастгирии фаъолтарин китобхонҳоро роҳандозӣ намудем, ки ин идомаи мантиқии ҳамин корҳо гардид.

Тавре хабар доред, дирӯз марҳилаи навбатии ҷумҳуриявии озмуни «Китобхони ҷавон» ҷамъбаст шуд. Дар он 42 нафар писарону духтарони бохиради заковатманд, ки аз тамоми минтақаҳои кишварамон омада буданд, истеъдод ва тавоноии худро пурра намоиш доданд. Бино ба натиҷаҳои озмун, Фарзона Носирова, Ҷасурбек Абдуғаффоров ва Фазилат Диёрова ғолиб гардиданд. Онҳо ҳоло дар давраи мо нишастаанд. Имрӯз ғолибон бо иштироки васеи ҷомеа бо туҳфаи Президент – автомобилҳои замонавӣ мукофотонида шуданд. Агар гӯям, ки пирӯзии онҳо барои миллионҳо ҷавонони дигари ҳаммонанди худашон намуна ва ангезаи бузург гардид, ҳаргиз хато нахоҳам кард. Рӯз ба рӯз афзудани шумораи чунин писару духтарони китобдӯст ҳамаи моро бениҳоят шод мегардонад.

Аз фурсат истифода намуда, ман ин фарзандони китобхони худро, инчунин устодон ва падару модарони онҳоро аз самими дил табрик гуфта, ба онҳо изҳори сипос менамоям.

**Ҷавонони боистеъдод, ки зеҳни расо доранд ва ҳеҷ гоҳ аз ҷустуҷӯю ҳаракат бознамеистанд, такягоҳ ва пуштибони воқеии Ўзбекистони Нав мебошанд.**

Мо аз рӯйи гузаронидани чунин озмунҳо дар мамлакат таҷрибаи бузург андӯхтем. Дар ин самт таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонро низ амиқ омӯхтем. Бахусус, Аморати Муттаҳидаи Араб дар соҳаи китобхонӣ барои тамоми ҷаҳон намуна мебошад. Барномаи «Озмуни китобхонии араб», ки соли 2015 бо ташаббуси Аълоҳазрат Шайх Муҳаммад бин Рошид Ол Мактум оғоз ёфта буд, имрӯз ба яке аз бузургтарин ташаббусҳои маърифатӣ дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Дар муҳлати кӯтоҳ, ҳамагӣ дар 10 сол ин ҳаракат беш аз 200 миллион хонандаро дар ҷаҳон фаро гирифт.

Дар доираи дӯстии наздик ва шарикии стратегии байни давлатҳоямон тасмим гирифтем, ки ин ғояи некро бар асоси мероси ғании маънавии худ дар кишварамон ба марҳилаи нав бардорем.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳукумати Аморот ва вазири корҳои ҳукуматии ин кишвар ҷаноби Муҳаммад ал-Гаргавӣ миннатдории самимона изҳор менамоям.

Фарзандони азизам!

Имрӯз мо бо шумо дар роҳи ба ҳаракати умумимиллии халқ табдил додани китобхонӣ қадами таърихӣ мегузорем. Барномаи «Ҳаракати умумимиллии китобхонӣ», ки оғоз менамоем, қисми ҷудонопазири ташаббусҳои пешини мо хоҳад буд. Ман дирӯз барои дастгирии фаъоли ин барнома дар сатҳи давлатӣ фармоиши махсус имзо кардам. Акнун ҳар сол марҳилаи ниҳоии ин чорабинӣ дар сатҳи Президент баргузор мегардад. Хазинаи умумии ҷоизаҳои солона 240 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Барандаи шоҳҷоиза бо 50 ҳазор доллар мукофотонида мешавад. Ин дар таърихи кишвари мо арзишмандтарин ҷоиза дар самти китобхонӣ аст.

Ин ҳаракат тамоми минтақаҳои мамлакатро пурра фаро мегирад. Дар он барои иштироки хонандагони мактабҳои таълими умумии мамлакат, аз ҷумла, аз синфи 1 то синфи 11, имконият фароҳам мегардад.

Кадом мактаб мактаби аз ҳама фаъоли китобхон мешавад? Кадом минтақа аз ҳама фаъол иштирок мекунад? Кадом хонанда 50 китобро пеш аз ҳама мутолиа мекунад?

Маҳз чунин саволҳо ҷавонони ҷӯяндаву заковатманди кишвари моро дар атрофи мӯъҷизае бо номи китоб муттаҳид намуда, дар дили онҳо рӯҳи нави созандагиро бояд бедор созад. Ман мехоҳам дар тамоми мактабҳо, дар маҷмӯъ, дар ҷамъияти мо муҳити китобхонӣ, шуур ва тафаккури солим устувор бошад.

Дар оянда аз байни писару духтарони кишварамон албатта олимон, ихтироъкорон, шоиру нависандагони бузург ба камол мерасанд. Ман ба онҳо гуфтаниям: **дар ҳамаи инсонҳое, ки дар зиндагӣ ба қуллаҳои баланд расидаанд, як фазилати умумӣ ҳаст – онҳо бисёр китоб хондаанд, ҳар рӯз мутолиа кардаанд. Китоб дӯсти доно ва бовафои якумраи онҳо шудааст.**

Дар ҳамин маврид, мехоҳам ба устодони муҳтарам ва падару модарони гиромӣ низ муроҷиат намоям.

Дар кадом хонадон китоб хонданд, дар ҳамон оила дониш ва маънавият ҳукмфармо мегардад. Ҳар ҷомеае, ки бештар омӯзад ва ҷустуҷӯ кунад, ҳамон ҷамъият ҳатман пеш меравад.

Ман ин барномаро танҳо як мусобиқаи китобхонӣ намедонам, балки онро сармоягузории стратегӣ барои ояндаи Ватани азизамон меҳисобам. Агар мо имрӯз ба дасти фарзандонамон китоби хуб диҳем, фардо онҳо албатта барои бунёди ояндаи бузурги Ўзбекистони Нав қодир хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, ҳамаи шуморо ба иштироки фаъол дар ин ҳаракати умумихалқӣ даъват менамоям.

Писарону духтарони азиз!

**Албатта, истифодаи телефон осон ва истифодаи гаҷетҳо мусоид аст. Аммо инсоне, ки бо китоб дӯст шудааст, дар роҳи зиндагӣ дур хоҳад рафт. Миллате, ки китоб мехонад ва маъноҳои неки онро дарк мекунад, ҳеҷ гоҳ мағлуб намешавад.**

Имрӯз мо маъно ва муҳтавои сухани пурҳикмати ниёи маърифатпарвари бузургамон – **«Ҷуз аз илм наҷоте нест»**-ро дар миқёси тамоми мамлакат ба ҳаёт татбиқ менамоем. Орзу дорам, ки ин ғояи олиҷаноб дар қалби ҳар як писару духтар амиқ ҷой гирифта, ба қоидаи тиллоии зиндагии онҳо табдил ёбад.

Бори дигар ҳамаи шуморо бо оғози ин ҳаракати муҳими таърихӣ дар кишвар аз таҳти дил табрик мегӯям.

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВИИ ГУСЕЛИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ МИЛЛИИ ФУТБОЛ БА ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Барои ин ба мухлисоне, ки варзишгоҳро пур кардаанд, ва дар шахси шумо ба тамоми халқи мо, ки «бозии миллионҳо» — футболро дӯст медорад, сипоси махсус изҳор менамоям.

Имрӯз ман дар варзишгоҳ инчунин фанклубҳои Ўзбекистонро мебинам. Онҳо на танҳо аз минбарҳо бозиҳои мунтахабро тамошо мекунанд, балки аз сидқи дил варзишгарони моро дастгирӣ менамоянд. Дар ҳар бозӣ аъзои фан-клубҳо, ба таври рамзӣ, нақши бозигари дувоздаҳумро бо услуби хоси ўзбекӣ иҷро мекунанд.

Бовар дорам, ки дар мундиал низ онҳо ҳамроҳ бо ҳазорон ҳамватанони мо дар дохил ва хориҷи кишвар футболбозонамонро бо ҳамин гуна рӯҳбаландӣ ва шавқу завқ дастгирӣ хоҳанд кард.

Ҳамватанони муҳтарам!

Агар бигӯем, ки дар кишвари мо футбол ба дӯсти ҳар як оила табдил ёфтааст, муболиға нахоҳад шуд. Мебинам, ки имрӯз бисёре аз шумо бо фарзандон ва наберагонатон ба варзишгоҳ омадаед. Дар миёни онҳо, ки аз дастовардҳои варзишгарони мо илҳом гирифтаанд, дар оянда ҳатман қаҳрамонҳои нав ба воя мерасанд.

Таваҷҷуҳе, ки дар Ўзбекистони Нав ба варзиш дода мешавад, иншооти бузурги варзишие, ки дар ҳар минтақа сохта мешаванд, академияҳои касбии футбол, ки дар маҳалҳо ташкил мегарданд ва Маркази миллии футбол, ки чанде пеш ифтитоҳ шуд — ҳамаи ин барои ба даст овардани муваффақиятҳои нави дурахшони ҷавонони мо заминаи мустаҳкам хоҳад шуд.

Соли гузашта дар пойтахт дар масоҳати зиёда аз 100 гектар Шаҳраки олимпӣ бунёд гардид, ки 5 маҷмааи бузурги варзиширо дар бар мегирад. Дар Тошканди Нав варзишгоҳи муҳташаме барои 55 ҳазор ҷой сохта мешавад, ки пурра ба стандартҳои ФИФА ҷавобгӯст. Ин варзишгоҳ барои миллионҳо мухлиси футболи кишвар туҳфаи олиҷаноб хоҳад шуд. Чунин иншооти муосир барои баргузории мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалии варзишӣ дар Ўзбекистон хизмат мекунанд. Ин ба варзишгарони мо роҳро ба сӯи пирӯзиҳои нав мекушояд.

Аъзои гиромии дастаи мунтахаб!

Имрӯз халқи мо шуморо ба чемпионати ҷаҳон гусел намуда, дуои нек медиҳад. Дар пеш шуморо бозиҳои муҳим бо дастаҳои пурқуввати Португалия, Колумбия ва Конго интизоранд.

Ба майдон бо эътимод бароед ва бо фидокории бузург бозӣ кунед!

Бидонед, ки мо ҳамеша бо шумо ҳастем!

Мо итминон дорем, ки шумо бо ҷасорат, матонат ва маҳорати худ ҳамаи моро шод мегардонед ва бозии зебо ва ғолиб нишон медиҳед.

Ҳамватанони муҳтарам!

Ман низ, мисли ҳамаи шумо, саршор аз ифтихор ва ҳайрат ҳастам.

Ба халқи Ўзбекистон, ки ба сӯи оянда қадам мегузорад, бо орзуву умедҳои нек зиндагӣ кардан хос аст. Пас биёед имрӯз ҳам ҳама якҷо орзу кунем: **бигзор варзиши Ўзбекистони Нав боз ҳам рушд кунад ва футболи мо шукуфон гардад!**

Ба ҳамаи шумо саломатӣ, муваффақият ва пирӯзиҳо орзу менамоям!

Зинда бод футболи ўзбек!

Зинда бод ҷавонони Ўзбекистони Нав!

Зинда бод халқи созандаи мо!

# МАҚСАДИ ИСЛОҲОТ – АРҶГУЗОРӢ БА ҚАДРИ ИНСОН, ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУНОСИБ БАРОИ ШАҲРВАНДОНУ СОҲИБКОРОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» ҳамчун натиҷаи амалии ҳамин ҳамкорӣ арзёбӣ гардид.

Президентамон таъкид намуд, ки ин барнома барои арзёбии холисонаи фаъолияти идораҳои давлатӣ, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онҳо, оммавигардонии васеи таҷрибаҳои пешрафта ва ташаккули муҳити рақобати солим хидмат хоҳад кард.

Дар моҳҳои январ-апрели соли ҷорӣ дар доираи барнома аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ва мутахассисони маҳаллӣ фаъолияти 40 идораи ҷумҳуриявӣ, сифати идоракунӣ ва қобилияти сарварии кадрҳои роҳбарикунанда арзёбӣ гардид.

Дар маросими супоридани ҷоизаҳо натиҷаҳои ноилшудаи як қатор вазорату идораҳо эътироф шуданд.

Вазорати адлия дар номинатсияи вазорати аз ҳама намунавӣ дар татбиқсозии Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» ғолиб гардид. Гуфта шуд, ки вазорат дар фурсати кӯтоҳ ба ниҳоди муосир, шаффоф ва рақамии адлия табдил ёфт. Алҳол тавассути 30 платформа 380 хидмат пурра рақамӣ гардонида шуда, барои истифодаи онлайни беш аз 780 хидмат имконият фароҳам оварда шудааст, 208 маркази хидмати давлатии саросари кишвар дар асоси стандарти ягона кор мебаранд.

Вазорати саноати кӯҳу кон ва геология ҳамчун намунавитарин вазорат дар самти идоракунии захираҳо эътироф гардид. Таъкид шуд, ки дар вазорат маблағҳои ҷудошуда барои кашфи конҳои нав ва рушди соҳа равона гардида, масрафи об дар корҳои ҷустуҷӯи геологӣ 20 фоиз коҳиш ёфтааст ва сатҳи маҳаллисозии таҷҳизоти асосии кӯҳкорӣ ба 84 фоиз расидааст.

Вазорати корҳои дохилӣ барои натиҷаҳои мусбат дар самти пешниҳоди хидматрасониҳои давлатӣ аз ҳама намунавӣ дониста шуд. Қариб аз 60 намуди хидмат, ки аз ҷониби вазорат пешниҳод мегардад, 95 дарсадаш ба шакли рақамӣ гузаронида шудааст. 72 пойгоҳи иттилоотие, ки пештар пароканда буданд, ба низоми ягонаи «Шаҳри бехатар» муттаҳид гардида, ба он 14 маркази идоракунӣ ва беш аз 20 вазорат пайваст шудаанд. Соли гузашта беш аз 148 ҳазор парвандаи маъмурӣ ба таври фосилавӣ баррасӣ гардидааст.

Дар доираи озмун роҳбар ва мутахассисони намунавӣ низ мукофотонида шуданд. Сардори садорати Вазорати саноати кӯҳу кон ва геология Мақсуд Болибеков ҳамчун намунавитарин корманд-роҳбар, сардори шуъбаи Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия Фазлиддин Муъминов ҳамчун беҳтарин корманди маъмурӣ, сармутахассиси Агентии «Ӯзатом» Шоҳмирзо Умаров ҳамчун намунавитарин корманд-мутахассис, мушовири вазири коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ Умматой Йӯлдошева ҳамчун беҳтарин корманд-зан, роҳбари офиси лоиҳаҳои Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия Акбархон Собирхонов ҳамчун намунавитарин корманди ҷавони боистеъдод ва сардори шуъбаи Вазорати адлия Мирсаид Раҳматов ҳамчун корманди беҳтарин дар самти захираҳои инсонӣ пирӯз шуданд.

Муовини вазири тандурустӣ Олим Амонов ҳамчун беҳтарин муовини вазир, директори Агентии энергияи атомӣ Азим Аҳмадхӯҷаев ҳамчун намунавитарин директори агентӣ ва раиси Кумитаи рушди рақобат ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон Халилулло Тӯрахӯҷаев ҳамчун беҳтарин раиси кумита эътироф гардиданд.

Сарвари давлат пешниҳод намуд, ки мақоми кормандони эътирофшударо як зина баланд бардошта, ба захираи кадрҳои роҳбарикунанда дохил карда шаванд. Таъкид гардид, ки корбарии доимии онҳо бобати такмил додани таҷрибаву маҳорат, тафаккури нав ва татбиқи равишҳои инноватсионӣ дар фаъолияти меҳнатӣ бояд барои дигарон намуна бошад.

Президенти мамлакат зикр намуд, ки дар марҳилаҳои минбаъда барнома боз ҳам шаффофтар ва талабот низ бештар хоҳад шуд. Минбаъд дар баробари идораҳое, ки натиҷаҳои хуб нишон додаанд, номи ташкилотҳое, ки аз рӯйи самарадорӣ ва сифати хидматрасонӣ қафо мемонанд, ошкоро гуфта мешаванд. Ин идораҳои давлатиро водор месозад, то ба фаъолияти худ баҳои холисона дода, камбудиҳоро бартараф намоянд ва масъулияти худро назди аҳолӣ бештар эҳсос кунанд.

Минбаъд барномаи «Идоракунии босифати давлатӣ» дар ҳар ду сол гузаронида мешавад. Аз марҳилаи оянда дар он ҳокимиятҳои маҳаллӣ низ иштирок хоҳанд кард. Зеро натиҷаи ислоҳот пеш аз ҳама бояд дар зинаҳои поёнӣ, дар сатҳи ноҳия ва шаҳрҳо эҳсос шавад.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки офаридани низоми босамари давлатӣ, ки халқ ба он бовар доранд, қадри инсонро арҷ мегузорад ва мушкилоти мардумро сабук мекунад, минбаъд низ вазифаи афзалиятнок боқӣ мемонад. Гуфта шуд, ки дар фаъолияти вазорату идораҳо на тамоюли «барои раванд», балки «барои натиҷа» бояд ба меъёри асосӣ табдил ёбад.

Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти лоиҳаҳое, ки дар доираи форуми ташаббусҳои истиқболноки «Келажак учун» («Барои оянда») интихоб шудаанд, шинос гардид.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими ислоҳот дар кишвар – дастгирии ғояҳои пешқадами аҳолӣ, бахусус ҷавонон ва шаҳрвандони ташаббускор, инчунин фароҳам овардани механизмҳои бозу муассир барои табдил додани онҳо ба лоиҳаҳои амалӣ мебошад.

Бо ин мақсад, Фармони Президент аз 14 июли соли 2025 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба дастгирии минбаъдаи ташаббусҳои ояндадор дар татбиқи ислоҳот», таҷрибаи баргузории форуми ташаббусҳои ояндадори «Келажак учун» роҳандозӣ гардид. Ҳадафи асосии он интихоб, дастгирӣ ва татбиқи пешниҳодҳои муҳимест, ки аз ҷониби ҷомеаи васеъ пешниҳод мешаванд.

Дар доираи форум крауд-платформаи kelajakuchun.gov.uz ба роҳ монда шуд. Дар он ба шаҳрвандон имконият дода шудааст, ки ташаббусҳои худро ошкоро ҷойгир намуда, барои баррасӣ ва арзёбии коршиносон пешниҳод намоянд.

Имсол кумитаи тадорукоти форум рушди соҳибкорӣ ва таъмини шуғл, экология, таъмини об ва густариши энергетикаи «сабз», ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, баланд бардоштани сифати тандурустӣ ва маориф, инчунин рушди низоми суду ҳуқуқро дар асоси равишҳои муосир ба сифати самтҳои афзалиятнок муайян кардааст.

Пас аз эълони форум аз аҳолӣ зиёда аз 1300 пешниҳод ва ташаббус ворид гардид. Онҳо аз ҷониби Агентии рушди стратегӣ ва ислоҳот ва бонки «Бонки рушди тиҷорат» пешакӣ баррасӣ шуда, аз рӯйи самтҳои афзалиятнок гурӯҳбандӣ шуданд.

Сипас ташаббусҳо бо иштироки аъзои Шӯрои менторон ва коршиносони соҳавӣ таҳлил гардида, аз нигоҳи аҳамияти амалӣ, имкони татбиқ, самараи иҷтимоию иқтисодӣ ва дурнамои густариш арзёбӣ шуданд. Дар натиҷа, рӯйхати беҳтарин-50 ва беҳтарин-10 лоиҳаи муҳимтарини рӯз ташаккул ёфт.

Дар рӯзи аввали форум маросими сарфарозгардонии муаллифони ташаббусҳое, ки ба даҳгонаи беҳтарин шомил шуданд, баргузор гардид. Ба ғолибон сертификат ва мукофотҳои пулӣ супурда шуданд.

Дар байни лоиҳаҳое, ки ба Президент муаррифӣ шуданд, ташаббусҳо оид ба истифодаи партовҳои пластикӣ дар сохтмони роҳ, таҳияи дастгоҳи инноватсионӣ барои тозакунии ҳаво, таъмини минтақаҳои дурдаст бо неру тавассути дастгоҳҳои мобилӣ, ҷорӣ намудани низоми автоматии огоҳсозӣ дар гузаргоҳҳои пиёдагард ва таъсиси платформаи миллии муҳандисӣ буданд.

Дар маросими тақдимот таъкид гардид, ки ҳар яке аз ин ғояҳо ба ҳалли мушкилоти мушаххаси иҷтимоӣ ё иқтисодӣ равона шудааст.

Лоиҳаҳо аз рӯйи самтҳои дахлдор ба Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия, Вазорати технологияҳои рақамӣ, Вазорати адлия, Вазорати таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати нақлиёт, Кумитаи роҳҳои автомобилгард ва дигар ташкилотҳои масъул вобаста карда мешаванд.

Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи онҳо тасдиқ гардида, иҷрои ҳар як ташаббус ба таври мунтазам назорат карда хоҳад шуд. Бонки саҳҳомию тиҷоратии «Бонки рушди тиҷорат» дар маблағгузории лоиҳаҳои ояндадор ва мониторинги доимии иҷрои онҳо иштирок мекунад.

Сарвари давлати мо аҳамияти таваҷҷуҳи махсус ба натиҷаҳои амалии ташаббусҳо, ҳамкории муштарак бо муаллифони онҳо ва табдил додани ҳар як лоиҳа ба роҳи ҳалли қобили зиндагӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш ва барои мардум манфиатоварро таъкид намуд.

Дар Маркази байналмилалии конгресс Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими оғози ҳаракати умумимиллӣ оид ба рушди фарҳанги китобхонӣ дар Ӯзбекистон иштирок намуд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки имрӯз ҷаҳон босуръат тағйир меёбад ва технологияҳои рақамӣ, гадҷетҳои муосир ва зеҳни сунъӣ ҳарчи бештар ба зиндагии мо ворид мешаванд. Дар чунин шароити мураккаб муҳимтарин бартарӣ қобилияти инсон ба тафаккури мустақил мебошад.

– Инсони китобхон дорои тафаккури амиқ ва солим аст. Ва инсон бо чунин шуур метавонад ҷомеаро тағйир диҳад, – гуфт Президент.

Таъкид гардид, ки дар Ӯзбекистони Нав фарҳанги китобхонӣ ва таваҷҷуҳ ба китоб ба сатҳи сиёсати давлатӣ бароварда мешавад. Муҳаббат ба китоб на танҳо масъалаи маориф, балки омили муҳиме мебошад, киояндаи миллат, нерӯи маънавии мардум ва рақобатпазирии кишварро муайян мекунад.

Сарвари давлат зикр намуд, ки аҷдоди бузурги мо – Имом Бухорӣ, Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Алишер Навоӣ, Мирзо Улуғбек ва дигар мутафаккирон дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми бузург гузоштаанд. Манбаи асосии расидани онҳо ба чунин қуллаҳои баланд талош ба дониш ва мутолиаи китоб буд.

Барои он ки кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати пурқудрат ва дорои иқтидори баланд муаррифӣ гардад, бояд ба ду пояи устувор такя кунад. Инҳо мероси бебаҳои илмӣ ва маънавии мо, инчунин донишҳои муосир ва технологияҳои пешрафта мебошанд.

Президенти кишвар таъкид кард, ки аз рӯзҳои аввали фаъолияташ ба ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ, ташаккули муҳаббат ва шавқу рағбати онҳо ба дониш аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Озмуни «Китобхони ҷавон», ки аз соли 2017 баргузор мегардад, имкон дод, ки миллионҳо ҷавонон ба китоб рӯ оваранд. Озмуни «Оилаи ҷавони китобхон» бошад, барои густариши фарҳанги китобхонӣ дар ҳар хонадон мусоидат мекунад.

Дар асоси қароре, ки аввали соли ҷорӣ қабул гардид, низоми нави дастгирии фаъолтарин хонандагон ҷорӣ шуд. Ба қарибӣ марҳилаи навбатии озмуни ҷумҳуриявии «Китобдӯсти ҷавон» ба анҷом расид, ки дар он 42 нафар ҷавонписарону духтарони донишманд аз тамоми минтақаҳои кишвар иштирок намуда, қобилият ва истеъдоди худро нишон доданд. Се ғолиби озмун бо тӯҳфаи Президент – автомобилҳои муосир сарфароз гардиданд.

Сарвари давлат ғолибон, устодон ва волидони онҳоро самимона табрик гуфта, таъкид кард, ки чунин ҷавонони боистеъдод, ташаббускор ва донишҷӯ такягоҳи воқеии Ӯзбекистони Нав мебошанд.

Дар ҷараёни маросим ба таҷрибаи байналмилалии рушди фарҳанги китобхонӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Аз ҷумла, қайд шуд, ки барномаи «Челленҷи китобхонии арабӣ», ки соли 2015 бо ташаббуси Муҳаммад бин Рошид Ол Мактум дар Аморoти Муттаҳидаи Араб роҳандозӣ гардидааст, имрӯз ба яке аз бузургтарин ҳаракатҳои маърифатпарварона дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Дар муддати кӯтоҳ ин ташаббус беш аз 200 миллион хонандаро фаро гирифтааст.

Дар доираи дӯстии наздик ва шарикии стратегии байни Ӯзбекистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб қарор қабул гардид, ки ин ғояи наҷиб дар кишвари мо дар асоси мероси маънавии миллӣ ба сатҳи нав бароварда шавад.

Бо ҳамин мақсад барномаи «Ҳаракати миллии китобхонӣ» оғоз мегардад. Сарвари давлат қайд кард, ки як рӯз пеш оид ба дастгирии ҳамаҷонибаи давлатии ин барнома фармоиши алоҳида ба имзо расонида шуд.

Акнун марҳилаи ниҳоии ин чорабинӣ ҳар сол дар сатҳи Президент баргузор мегардад. Ҳаҷми умумии фонди солонаи ҷоизаҳои барнома 240 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Соҳиби ҷоизаи асосӣ 50 ҳазор доллар дарёфт мекунад. Ин бузургтарин ҷоиза дар таърихи кишвари мо дар самти дастгирии китобхонӣ хоҳад буд.

Ин ҳаракат тамоми минтақаҳои кишварро фаро мегирад. Дар он хонандагон аз синфҳои 1 то 11-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд иштирок намоянд.

Президент таъкид кард, ки ин ташаббус ба таҳкими фарҳанги китобхонӣ дар мактаб, оила ва тамоми ҷомеа, инчунин ба бедор шудани рӯҳияи нави созанда дар байни ҷавонон мусоидат хоҳад кард.

– Ман ин барномаро на танҳо ҳамчун мусобиқаи китобхонӣ, балки ҳамчун сармоягузории стратегӣ баояндаи Ватани худ арзёбӣ мекунам. Агар мо имрӯз ба дасти кӯдакон китобҳои хуб диҳем, фардо онҳо ҳатман метавонандояндаи бузурги Ӯзбекистони Навро бунёд намоянд, – гуфт сарвари давлат.

Дар ҷараёни маросим Президенти кишвар ҳамаи хонандагон, омӯзгорон, волидон ва ҷомеаи васеъро даъват намуд, ки дар ҳаракати умумимиллӣ фаъолона иштирок кунанд.

Таъкид гардид, миллате, ки китоб мехонад, ба дониш саъй менамояд ва ба ормонҳои баланд арҷ мегузорад, ҳеҷ гоҳ мағлуб нахоҳад шуд. Ҳамчунин муҳимияти дар сатҳи умумимиллӣ ба ҳаёт татбиқ намудани ғояи аҷдоди маърифатпарвари мо – «Ҷуз дониш роҳи дигари наҷот вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад» таъкид гардид.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ЎзА.**

***Дар шаҳри Навоӣ дар доираи лоиҳаи Маркази омодасозии контент барои воситаҳои ахбори омма ва Оҷонсии оид ба корҳои ҷавонон бо дастгирии ҳокимияти вилоят чорабиниҳои «Медиа ҳафта» баргузор гардид.***

## НАВОӢ — МАВЗЕИ ҲАМКОРИҲОИ КАСБӢ

Тибқи маълумот, дар Навоӣ барои иштирок дар анҷумани медиа тақрибан 200 нафар намояндагони соҳа сабти ном шудаанд. Барномаи чорабинӣ ба омӯзиши самтҳои муосири фаъолияти журналистӣ, табодули таҷриба ва баланд бардоштани сатҳи касбии иштирокдорон равона гардидааст.

Дар суханронии ифтитоҳӣ котиби матбуот, мушовири сиёсати иттилоотии ҳокимияти вилояти Навоӣ Шоҳира Раупбоева аҳамияти чунин ҳамоишҳоро дар ташаккули муҳити муосири касбии медиа таъкид намуд. Ӯ таъкид кард, ки имрӯз даврони эҷоди маҳсулоти нави чопӣ ва телевизионӣ фаро расидааст, он тақозо менамояд, ки кормандони соҳа малакаҳои навро азхуд кунанд ва ба талаботи замони рақамӣ мутобиқ шаванд.

Мавзӯъҳои асосии рӯзҳои аввали «Медиа ҳафта» ба масоили таҳияи контент дар РАО чопӣ, инъикоси ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ, омодасозии маводи таҳлилӣ, истифодаи таҳлили SWOT, раванди дурусти инъикоси чорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва усулҳои таҳияи гузориши касбӣ бахшида шуданд. Иштирокдорон бо равандҳои нав дар таҳияи матолиби таъсирбахш ва таҳлилӣ шинос гардиданд.

Ин гуна ҳамоишҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ аҳамияти хос дошта, ба ташаккули журналистикаи босифат, таҳлилӣ ва масъулиятнок заминаи устувор мегузоранд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# МАҶМААИ «БУРҲОНИДДИН МАРҒИНОНӢ» – ШАҲРИСТОНИ БЕНАЗИРИ АСР

*«Сабаби сохтани ин маҷмаа дар шаҳри Марғелон як ҳақиқати хеле амиқи таърихӣ ва ҳаётӣ аст.*

*Ин шаҳри муборак маърифатпарварони зиёдеро ба воя расонидааст.*

*Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, ин макони муборак бо шарафи баланди «Ватани мардуми равшанфикр» қадрдонӣ шудааст».*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ.***



Дар шафати роҳи калони Риштон – Фарғона, дар самти муқобили шаҳри куҳани Марғелон бар асоси қарори Сарвари давлатамон аз 1 апрели соли 2025 Маҷмааи «Бурҳониддин Марғинонӣ» арзи вуҷуд намуд, ки бемуҳобот, дар минтақа ҳамто надорад. Ба ин маҷмаа аз тариқи дарвозаи хосу боҳашаме ворид мешавед, ки хеле васеъ ва баланд қомат афрохтааст.

Баъд шуморо як шаҳристони биноҳояш бо истифода аз анъанаҳои меъмории миллӣ, акскунандаи ҷойҳои таърихии Марғелон, аммо ҷавобгӯ ба талаботи муосири сайёҳӣ сохташуда истиқбол мегирад. Вақте ки шумо дар кӯчаву хиёбонҳои бо гулу суман сарсабзу хуррам ва дарахтони гуногуни зебо ороёфта қадам мезанед, худро дар бӯстонсарои беназири шоҳона тасаввур мекунед.

Дарвоқеъ, шумо агар як сол муқаддам аз шафати ин шаҳри нави бо тарҳи замонавӣ сохташуда гузашта бошед, ҳатман ҳайрат шуморо гиребонгир хоҳад кард ва шумо ба худ хоҳед гуфт: «Наход дар шаҳристоне қарор дорем, ки тайи муддати хеле кӯтоҳ бунёд ёфтааст?» Аммо воқеъият ин фикри шуморо дигар хоҳад кард ва шумо бовар ҳосил хоҳед намуд, ки дар Ӯзбекистони Навин таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев имкони арзи вуҷуд намудани чунин шаҳристонҳо кайҳо ба як ҳоли муқаррарӣ ва одӣ табдил ёфтааст!

Маҷмааи «Бурҳониддини Марғинонӣ» бо усуле сохта шудааст, ки «Шаҳраки ҷовидон»-и Самарқандро сохтаанд, вале ин ҷо чанд навгонӣ роҳандозӣ шудаанд, ки ба гуфтаи мутахассисон комилан тарҳи нав корбаст гардидааст. Дар ҳақиқат, он ҳама беназиру беҳамтоии шаҳристони нави Марғелонро ба карат собит месозанд. Ба иборае ин маҷмаа як шаҳраки дохили шаҳри қадимӣ мебошад.

– Маҷмаа, ки масоҳати 35 гектарро ишғол мекунад, барои сайёҳон тамоми шароити заруриро фароҳам меорад. Дар ин ҷо меҳмонхонаҳо, корвонсарой, биноҳои тиҷоратӣ ва хидматрасонӣ, чандин маркази ҳунармандӣ, бозори миллӣ ва осорхонаҳо низ сохта хоҳанд шуд, ки ба шукӯҳи он шукӯҳи тоза зам мекунанд, – мегӯяд роҳбаладӣ мо Шуҳрат Абдусаломов.

Ба гуфтаи ӯ яке аз самтҳои асосии ин маҷмаа омӯзиш ва таблиғи мероси ғании илмии олими бузург Бурҳониддин Марғинонӣ мебошад. Дар айни замон, нигоҳ доштани анъанаҳои қадимии ҳунармандӣ дар минтақа, рушди зиёрат ва сайёҳии фарҳангӣ низ ба нақша гирифта шудааст, тибқи амалӣ гардидани он ба обрӯи кишвари мо обрӯву эътибори тоза зам хоҳад кард.

Маълум шуд, нақшаи генералии лоиҳа, ки арзиши он 1,7 триллион сӯм аст, аз ҷониби ширкати туркии «Studio Vertebra» таҳия шудааст. Маҷмаа дар ду марҳила сохта мешавад ва дар оянда бунёди боз маркази тиҷорат, масҷиди дорои 1500 ҷой, меҳмонхонаҳо, 400 нуқтаи савдо ва хизматрасонӣ ва бозор бо гунҷоиши 300 нуқтаи савдо низ барномарезӣ шудаанд.

Ногуфта намонад, ки дар ҳамин ҳол мудирияти Маҷмааи «Бурҳониддин Марғинонӣ» бар дӯши Шуҳрат Абдусаломов мебошад. Вақте ки таҳти роҳбаладии ӯ ба як бинои дигари хушсохту зебо наздик шудем, вай бо ҳаяҷон изҳор намуд, ки бино осорхона мебошад. Дар қисмати чапи даромадгоҳи он чунин навиштаҳоро мехонем: «Ҳавлии Мирзокаримбойи қутгидор аз асари романнависи нахустин Абдулло Қодирӣ». Гуфта мешавад, ки ин ҳавлиро ба таври дигар осорхонаи «Отабек ва Кумуш» низ унвон кардаанд, ки қаҳрамонони асосии романи «Рӯзҳои гузашта» мебошанд. Деворҳо ва ҳар як утоқи дохили ин ҳавлӣ саҳнаҳоеро аз ҳамон романи Абдулло Қодирӣ дар худ эҳё кардаанд ва фазои беназиреро эҷод намудаанд, ки адабиёт ва таърихро боҳам омезиш медиҳанд.

Чашмони бинанда аз тамошои дохили ҳар утоқ сер намешавад. Ман якзайл он ҳамаро аккосӣ мекардам, то ашёҳояшро ба муштарии рӯзнома, ки ҳанӯз имкони ба ин шаҳристони беназир омаданро ба даст наовардааст, нишон диҳам. Дар ҳақиқат, ҳар як утоқ таърих ва хотираҳои худро дорад.

Дар як самти даромадгоҳи осорхонаи «Отабек ва Кумуш» аробаи дучархадор бовиқор истодааст, ки бино ба асари Қодирӣ маҳз ин ароба замоне ҳардуро ба висоли якдигар расонидааст. Ашёи хонаҳои алоҳидаи ҳавлӣ, танӯр ва дегу оташдон, ҷувози дастиву амсоли он пеши назар зиндагии қаҳрамонони асарро бозтоб медиҳанд.

Дар аснои гаштугузор вориди китобхонае шудам, ки ҳазорҳо адад китоб дар ихтиёри сайёҳону муштариёни китобдӯст гузошта шудаанд. Ин ҷо чашмам ба рафе афтид, ки чанд китоби ба ӯзбекӣ нашршудаи Устод Садриддин Айнӣ низ дар қатори китобҳои нависандагони мумтози ӯзбек барои фурӯш пешниҳод шудаанд.

Коргарони зиёд дар маҷмаа машғули кор буданд. Онҳо майдонро ба тартиб оварда, дар атрофи бинову роҳравҳо гулҳои тару тоза мешинонданд, дару тиреза ва сутунҳои пурнақшу нигор, кошиҳоро тоза намуда, кӯчаву хиёбонҳоро мерӯфтанд.

– Вақте ки маҷмаа пурра ба кор медароянд, интизор меравад, ки солона ба ҳисоби миёна 200-250 ҳазор сайёҳи хориҷӣ маҳз ба минтақаи мо ҷалб карда шаванд. Гузашта аз ин, бунёди ин шаҳристони беназир барои фароҳам омадани 2 ҳазор ҷойи корӣ мусоидат хоҳад кард. Инчунин, дар назар аст, ки 52 миллиард сӯм ба буҷаи он илова карда шавад ва 30 миллион доллари амрикоӣ барои соҳаҳои хизматрасонӣ корбаст гардад, – мегӯяд Шуҳрат Абдусаломов.

Ба таъкиди роҳбаладӣ мо татбиқи васеи таҷрибаи маҷмааи «Бурҳониддин Марғинонӣ» дар «Бухорои ҷовидон»-и Бухоро, атрофи мақбараи Имом Мотуридии Самарқанд, ёдгории «Ахсикент»-и Намангон, майдони Ӯрдаи хони Қӯқанд ва минтақаи Шаҳри кӯҳнаи пойтахт низ ба нақша гирифта шудааст.

– Ман шаҳрванди Утриш ҳастам. Вақте ки баъди боздид аз Бухорову Самарқанд ба шаҳри куҳани Қӯқанд расидем ва Ӯрдаи хонро тамошо мекардем, огоҳ шудем, ки дар назди шаҳри Фарғона боз як шаҳристони нав бунёд кардаанд. Бо ҳамроҳонам ба ин тараф шитофтем. Дар ҳақиқат, дастони мардуми шумо қудрати муъҷизаофарӣ доштаанд. Инро аз тамошои ин шаҳристони ҷадид бараъло фаҳмидан мумкин аст, – мегӯяд Кристина Дутйе.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).**

